**Тақризи роҳбари илмӣ**

ба диссертатсияи Ҳасанов Исматулло Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Адабиёти давраи нави тоҷик, ки аз ибтидои садаи XX оғоз гардида, дар саргаҳи он устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ қарор доранд, ба се марҳала – адабиёти ҷадидия, адабиёти даврони Иттиҳоди Шуравӣ ва адабиёти замони Истиқлолияти Тоҷикистон тақсимбандӣ мешавад. Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ, махсусан, дар солҳои 60-80-и садаи XX ва замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар мазмуну мухтаво ва услуби нигориши осори манзуму мансур таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуқуъ пайваст. Яке аз адибоне, ки дар муддати умри бобаракати хеш бо истеъдоди комил ва ҳунари волои нигорандагӣ дар рушду нумӯи шеъри муосири тоҷик ҳиссаи муносиб ҳамроҳ карда истодааст, Алимуҳаммад Муродӣ мебошад, Диссетатсияи мавриди назар ба таҳлилу таҳқиқи ашъори А Муродӣ бахшида шудааст.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсионӣ дар он зоҳир мешавад, ки унвонҷӯ ашъори А. Муродиро бори аввал мавриди таҳлилу таҳқиқи монографӣ қарор дода, бо истифода аз адабиёти фаровони бадеӣ ва илмӣ ҷойгоҳи муносиби шоирро дар назми имрӯзи тоҷик таъйин намудааст. Аз ин рӯ, муҳтавои диссертатсияи Ҳасанов Исматулло Саъдуллоевич бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** комилан мувофиқат менамояд.

Аз таҳлилу таҳқиқи фарогири диссертатсия ва мазмуну муҳтавои мақолаҳои оид ба мавзуъ чоп кардаи Ҳасанов И.С. метавон ба ин натиҷа расид, ки ашъори пурмуҳтаво ва доманфаррохи Алимуҳаммад Муродӣ дорои ҷанбаи амиқи бадеӣ ва эстетикӣ буда, бо руҳи пурқуввати таърихӣ ва миллии худ дар шеъри муосири тоҷик ҷойгоҳи муносиб касб кардааст. Дар диссертатсия ашъори шоир аз маҷмуаи аввалин – «Дастниҳол» (1983) сар

карда, тамоми маҷмуаҳои минбаъда, чун «Нози наврӯз», «Роҳи руҳ», «Чароғи рӯзадор», «Хайрбоди баҳор», «Моҳи хасрав», «Боғи мурод», «Сунбулкон» ва «Шафақи шом» мавриди пажуҳиш қарор мегиранд ва ҳар масъалаи ба миён гузошта аз нигоҳи илмӣ натиҷагирӣ мешавад.Ба қавли диссертант, шоир ҳам дар офаридани ашъори суннатӣ, чун ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ, мусаммат ва мустазод ва ҳам дар эҷоди шеъри нав ва ашъори ба истилоҳ хусравониву навхусравонӣ муваффақ аст ва махсусан нигориши шеърҳои ҳаҷман кутоҳ (ду, се, чор, ҳатто як мисраъ) гувоҳ бар он аст, ки шоираз шакли шеърӣ дида, ба мазмуну муҳтавои сухани бадеӣ зиёда мутаваҷҷеҳ аст.

Ҷанбаи илмии диссертатсияро, ҳамчунин, таҳқиқи мундариҷа, вазн, забон ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори А. Муродӣ тақвият медиҳад. Диссертант бо баъзе адабиётшиносони ватанӣ ва хориҷӣбаҳс карда, дар мавриди ҷанбаи пурқуввати миллӣ доштани шеъри шоир андешаҳои ҷолиб пешниҳод мекунад. Ӯ ақидаи адабиётшиноси эронӣ Алиасғари Шеърдӯстро, ки «шеъри Муродӣ заминаи бумӣ надорад ва аз ҳамон забону фазои шеъри имрӯзаи Эрон бархурдор аст» мегӯяд, баҳс карда, таъкид мекунад, ки шеъри Алимуҳаммад Муродӣ заминаи амиқи миллӣ дорад ва аз таърихи пурғановати адабу фарҳанги ниёгон бархурдор аст.

Дастовардҳои илмии диссертатсияро таҳқиқи ҷанбаи бадеии ашъор ва сабки фардии шоир низ муайян мекунад. Диссертант оид ба мавқеи санъатҳои бадеӣ дар ашъори шоир сухан ронда, дармеёбад, ки дар эҷоди адиб истиора ҷоёгоҳи намоён дорад ва баъди таҳлилу таҳқиқи муфассад чунин натиҷагирӣ мекунад: «Шеъри Алимуҳаммад Муродӣ шеъри истиора аст ва ҷанбаи тасвирӣ касб кардани он, пеш аз ҳама, марбут ба ҳамин санъати бадеӣ аст» (дисс., саҳ. 153).

Диссертант забони ашъори А.Муродиро низ ҷиддан ба таҳлилу таҳқиқ гирифта, аз забони зиндаи халқ ва мақолу зарбулмасалҳои халқӣ васеъ ва бомаҳорат истифода кардани шоирро бо мисолҳо таъкид мекунад. Ҳар бобу

фасл натиҷагирӣ шуда, дар охири диссертатсия хулосаи умумӣ бароварда мешавад.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқ аз адабиёти фаровони илмию сарчашмаҳои адабӣ ва мабаъҳои электронӣ истифода кардааст. Махсусан, истифодаи бамаврид аз осору мақолаҳои адабиётшиносони тоҷику эронӣ ва рус, мисли Муҳаммад Ғиёсиддин, Т. Зеҳнӣ, К. Айнӣ, Х. Мирзозода, Г. Н. Поспелов, М. Р. Рейснер, Р. Мусулмониён, А. Абдусаттор, А. Афсаҳов, Бароҳанӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Сируси Шамисо, Х. Шарифзода, А. Давронов боиси тақвият ёфтани ҷанбаи назарии диссертатсия гардидааст.

Аҳамияти илмии диссертатсия дар он аст, ки натиҷаҳои ба даст даровардаи унвонҷӯ метавонад дар омӯзишу пажуҳиши таърихи адабиёти давраи нави тоҷик васеъ истифода шавад ва барои равшан намудани як қатор масъалаҳои назарияи адабиёт, чун сабки эҷодӣ, анъана ва навоварӣ ва тарзи тасвирҳои бадеӣ, ёрӣ расонад.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки мазмуну муҳтавои он метавонад дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии муассисаҳои олии мамлакат, лексияву дарсҳои амалӣ ва ҳамоишҳои илмӣ истифода шавад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, фаслҳои пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва андозаву ҳаҷми он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии

кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҳасанов Исматулло Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад ва ман ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон узви вобастаи АМИТ** **Кӯчарзода Аламхон**

10-уми июни соли 2024.

Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев, 150/1, хонаи 231.
Телефон: (+992) 905-50-79-80.
E-mail: alamxonnn@gmail.com

**Имзои Кӯчарзода Аламхонро тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj